Хулосаи

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи диссертатсионии Ҷамаров Аслиддин Зайнитдинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниход менамояд:

1. Мавзуи диссертатсионии Ҷамаров А.З., ки ба пажухиши яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати хоирҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии кишвар бо ҷаҳони араб, раванди барқароршавӣ, ташаккули таърихӣ ва рушди он дар даврони истиқлолият баъзе ҷанбаҳои сиёсати хорҷии Тоҷикистон баррасӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур нуқтаҳои ҷолибе пешниҳод шудаанд, ки дар илм навгонии илмӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф мантиқӣ буда, бо номи диссертатсия, нақшаи кор ва муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба раванди ташаккул ва мушкилоти рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷаҳони араб ва дурнамои он дахл дошта, сахифаи наве дар илми таърихи муносибатҳои байналмилалии кишвар дониста мешавад. Натиҷахову хулосаҳои пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №24 ш.д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсияи илмӣ алоқаманд мебошанд.

Мақолаҳои муаллиф ба таври зайл мебошад:

№	мавзуъ	мачалла	сол
1	Саҳми донишгоҳи миллӣ дар омода кардани арабшиносон	"Паёми ДМТ" №3/5, С. 141-147.	2017
2	Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони шӯравӣ	"Паёми ДМТ" №5, С. 76-83.	2018
3	Саҳми тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ	"Паёми ДМТ" №2, С. 124-131.	Душанбе -2019
4	"Барқароршавии муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб (1991-2006)"	"Идоракунии Давлатӣ" №3(52)	Душанбе -2021
5	Таҳаввули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (2007-2016)	"Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ" №2(97), С. 272-279.	Душанбе -2022

Дар ин мақолаҳо натиҷаҳои пажуҳиш ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қамаров А.З. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй Қамаров А.З. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қамаров Аслиддин Зайнитдинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

Алиева Рафоат Рашидовна - доктори илмхои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

Наимов Исмоил Нуруллоевич - номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Русия;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани афтореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
Доктори илмҳои таърих Латифов Ҷ.Л.

Аъзои комиссия:
Доктори илмҳои таърих Искандаров Қ.
Доктори илмҳои таърих Иброҳимов М.